# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии пешрафти босуръати илм, раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифи кишвар дар замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро масъалаи кор бо иттилоот ва дарки мазмуни он яке аз салоҳиятҳои асосии шаҳрванди асри нави ба ном асри иттилоот маҳсуб ёфта, равандҳои ҳадафмандонаи педагогии таълиму тарбия насли наврас ба зиндагии оянда, ки ҳадафи асосии таҳсилоти муосир ба шумор меравад, мебошад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ бояд иброз кард, ки таҳқиқот барои кашфи моҳияти раванди иҷрои талаботи барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маориф, вазъ ва нақши татбиқ ва аҳамияти онҳо дар таъмини пешрафти таҳсилот ва навсозии мазмуну мундариҷаи таълим ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Гулистон талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили ихтисос ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, ҳамчунин оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, роҳу воситаҳои ҳалли проблемаи таҳқиқот дар назария ва амалияи муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст ва, бо дарназардошти он ки ҷараёни амалишавии ин ё он барномаи давлатӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст, месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар ин самт дар илми педагогикаи миллӣ номид.

Муҳаққиқ Сафарзода Г. нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъ ва раванди татбиқи муқарраротм барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро мавзуъ ва объекти таҳқиқотро мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда шаҳодати онанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия дастовард ва мушкилоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии

Тоҷикистонро дар даврони Истиқлолияти давлатӣ таҳлилу баррасӣ карда, вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода, нақши онҳоро дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маориф муайян карда, мушкилоти раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро ошкор карда, роҳу воситаҳои бартарафсозии ин мушкилотро нишон додааст. Ҳамчунин собит кардааст, ки такмили ихтисоси омӯзгорон яке аз талаботи асосии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва омили асосии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор буда, ба баланд шудани сифати таҳсилот мусоидат хоҳад кард ва роҳу усулҳои амалисозии талаботи муносибати босалоҳият ба таълимро ҳамчун унсури асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ ва манзур намудааст.

Гузашта аз ин, ба назари банда, кори аз ҳама манфиатборе, ки дар раванди таҳқиқот довталаб анҷом долдааст, ин мушоҳида ва иштирок дар дарсҳои як идда муаллимони синфҳои ибтидоии ҷумҳурӣ буда, ба ин васила муаллиф ошкор кардааст, ки то ба ҳол хонандагон аксаран мазмуни матнро ба дараҷаи зарурӣ намефаҳманд ва малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона дар онҳо ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар сатҳи паст қарор дорад. Вобаста ба ин, довталаб омил ва сабабҳои ба ин монанд ҳолатҳоро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ба манзури мусоидат ба ислоҳи вазъ дар ин ҷода амсилаҳои муносибу мувофиқи методиву омӯзиширо коркард ва манзури омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ кардааст, ки аз арзишу аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ далолат мекунад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони тоҷикиро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоиро дар дарсҳои забони тоҷикӣ муайян кардааст, самаранокии амсилаҳои пешниҳодкардаашро оид ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона дар хонандагони хонандагони хурдсол аз тариқи озмоиш исбот кардааст, заминаҳои педагогиву психологии раванди мазкурро муайян карда, роҳу усулҳои истифодаи усули анъанавӣ ва интерактивиро дар таълим ва аҳамияти он дар ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошууронаи матн мавриди азрёбӣ қарор додааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ҷиҳати татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи маориф масъулияти

роҳбарони тамоми зинаҳои таҳсилотро беш гардонида, он метавонад ҳамчун дастури назариявӣ ва методӣ дар семинару курсҳои омӯзишӣ мавриди истифода қарор дода, пешниҳод кардааст, ки натиҷаву хулосаҳои таҳқиқот метавонанд боиси бартарафсозии мушкилоту норасоиҳои дар раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ошкор гашта, масъулияти иҷрокунандагонро баланд бардорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд барои амалисозии чорабиниҳои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология, алалхусус дар муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф қарор гиранд.

Унвонҷӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Сафарзода Гулистонро кори илмии баанҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Автореферат ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи "Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, ректори
Муассисаи давлатии "Донишкадаи
ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф" Ҷамшед Намоззода

20.12.2023

**Маълумот барои тамос:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Тел: +992 (2372) 227-63-91; почтаи электронӣ jama75fti@mail.ru.

*Имзои Ҷ. Намоззодаро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳо ва
котиботи МДТ "ДҶТИБКСМ" Манучеҳр Ҳабибзода